# Рӯзи Конститутсия муборак, ҳамватанони азиз!

*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №136 (2963) | СЕШАНБЕ, 6 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|





## Сарвари давлат Раиси Шӯрои кантонҳои Парламенти Швейтсарияро ба ҳузур пазируфт

**Дуюми ноябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои кантонҳои Парламенти Швейтсария Ҳанс Алтерро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили вобаста ба муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории пурсамари Тоҷикистону Швейтсария баррасӣ шуд. Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки рӯзи 9-уми декабр аз оғози муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Швейтсария 20 сол пур мешавад. Тавре тазаккур дода шуд, дар ин муддат ду кишвари дӯст ҳамкории пурсамар ба роҳ мондаанд. Аз ҷумла аз соли 1993 инҷониб Швейтсария ба ҳайси роҳбари Гурӯҳи намояндагӣ дар сохторҳои байналмилалии молиявӣ манфиатҳои Тоҷикистонро дар шӯроҳои иҷроияи Бонки Умумиҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Таҷдид ва Рушди Аврупо пуштибонӣ менамояд. Ғайр аз ин, тавассути Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ, ки аз соли 1998 дар Тоҷикистон фаъолият дорад, бо харҷи 250 миллион доллари амрикоӣ лоиҳаҳои сершумори иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла барои рафъи камбизоатӣ, амалӣ гардидааст.

Хотиррасон гардид, ки ҳоло дар Тоҷикистон бо маблағгузории грантии Швейтсария 30 лоиҳа дар соҳаҳои тандурустӣ, обтаъминкунӣ, энергетика ва таъмини волоияти қонун амалӣ мешавад.

Тавре Ҳанс Алтерр таъкид дошт, Швейтсария минбаъд ҳамкорию ҳамшарикиро бо Тоҷикистон, аз ҷумла дар самти истифодабарии босамари захираҳои фаровони обию энергетикӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси ин ва дигар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар боз ҳам густариш медиҳад.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба ҳамгиройӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

***www.prezident.tj***

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

**5 ноябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро таслиқ шуда, масъалаҳои нахустини рӯзнома – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба аз эътибор соқит донистани Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани тасвири парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот О. Салимзода, оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М. Ватанов барои муҳокима ба Шӯро пешниҳод шуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур, бо дарназардошти фикру мулоҳизоти баёншуда, қабул гардида, ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Мутобиқи муқаррароти қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи зерини рӯзнома - «Дар бораи ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9 моҳи соли 2012 ва Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои охирини рӯзнома – «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» таври алоҳида қарорҳо қабул кард.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дигар масоили марбути фаъолият мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***«Садои мардум»***

**●6 ноябр – Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Сарчашмаи низоми ҳуқуқии ҷомеа



Конститутсия, қабл аз ҳама, асосҳои сохтори конститутсионӣ ва ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар намуда, низоми мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян месозад. Чунончӣ, боби якуми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» ном дошта, дар он Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон карда шудааст. Дар моддаи 9 тартиби амалишавии ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудааст, ки дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Конститутсия санади асосии ифодакунандаи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти давлат ба ҳисоб меравад, ки онро шаҳодатномаи давлат низ мегӯянд. Қабл аз давраи соҳибистиқлолии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор маротиба Конститутсия қабул гардида буд. Ибтидои солҳои навадуми асри гузашта дар ҳаёти ҷамъиятӣ- сиёсии давлати мо тағйироти куллӣ ба амал омад. Ин вазъияти бааламомадаи ҷамъиятӣ-сиёсиро ба назар гирифта, 9 сентябри соли 1991 Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд, ки дар он замина ва ҳадафи асосии қабули ин санади тақдирсоз чунин ифода карда шуда буд:

«Тағйироти инқилобиро дар ИҶШС ба назар гирифта ва кӯшиши ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри ба он дохилшавандаро оид ба аз нав барқарор намудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ эҳтиром намуда... мувофиқи эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 қабул шуда буд, Шӯрои Олӣ Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон мекунад».

Изҳороти қабулшуда боиси он гардид, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсуси худро «Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул намуда, матни Изҳороти Шӯрои Олиро дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул донад. Худи ҳамон рӯзи таърихӣ, яъне 9 сентябри соли 1991, тағйиру иловаҳои марбута ба Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ворид гардиданд ва воқеияти истиқлоли Тоҷикистонро ба сатҳи меъёри конститутсионӣ расонида, ба он аз нигоҳи ҳуқуқӣ хусусияти баргаштнопазир дода шуд.

Минбаъд бо Қарори Иҷлосияи ҳабдаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов тасдиқ гардид. Дар асоси он Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1993 Гурӯҳи кориро оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис дод. Гурӯҳи корӣ дар муддати шаш моҳ лоиҳаи Конститутсияро тайёр намуда, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод кард.

20 июли соли 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд. Дар он фаъолияти минбаъдаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ баъд аз мавриди амал қарор додани Конститутсия мушаххас ва тартиби ба меъёрҳои конститутсионӣ мутобиқ гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муайян карда шуд.

6 ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он ифодаи раднопазири ба арзишҳои демократӣ содиқ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Баъди мавриди амал қарор гирифтани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 1995 «Дар бораи нақшаи ташкили кор ҷиҳати мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд, ки мутобиқи он бояд қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми нави ҳуқуқӣ мутобиқ гардонида мешуд. Тибқи Нақшаи номбурда қабули 18 қонуни конститутсионӣ, 9 кодекс, 26 қонун ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба 81 қонуни амалкунанда пешбинӣ шуда буд. Минбаъд ин нақша пурра амалӣ гашта, низоми ҳуқуқии ҷомеа ба Конститутсияи нави Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуд.

Дар баробари ин зикр кардан лозим аст, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз конститутсияҳои то ин давра амалкунанда бо якчанд хусусиятҳои хоси худ фарқ мекард. Қабл аз ҳама он дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши инкишофи конститутсионии давлатҳои хориҷӣ, мутобиқ ба меъёрҳои умумии эътирофгардидаи байналмилалӣ, инчунин бо назардошти анъана ва хусусиятҳои хоси миллӣ таҳия ва аз тарафи халқи Тоҷикистон тавассути раъйпурсӣ озодона қабул гардида буд. Баъдан, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлолии давлатиро расмӣ гардонида, таҳкурсии таҳкими минбаъдаи онро таъмин намуд.

Конститутсия низ ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, вале тартиби қабул ва ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо аз дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Он танҳо тавассути раъйпурсии умумихалқӣ амалӣ карда мешавад. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бошанд, аз ҷониби мақомоти олии қонунгузор ва дигар мақомоти давлатӣ қабул мегарданд.

Қобили зикр аст, ки меъёрҳои Конститутсия дар низоми ҳуқуқии ҷомеа эътибори олии ҳуқуқӣ доранд ва мустақиман амал мекунанд. Муқаррар гардидааст, ки тамоми дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд дар асос ва мутобиқи Конститутсия қабул карда шаванд ва ба меъёрҳои он мухолифат накунанд.

Амали мустақими меъёрҳои Конститутсия кафолати муҳими татбиқи он, воситаи асосии таъмини қонунияти конститутсионӣ мебошад. Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ пазируфтааст. Тоҷикистон ҷузъи ҷудонопазир ва соҳибихтиёри муносибатҳои байналмилалӣ буда, ӯҳдадориҳои худро комилан иҷро менамояд. Он халқи Тоҷикистонро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст, ки ин ҳокимиятро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мекунад. Ин принсип ҷавҳари асосии демократия, таъсис ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Яке аз дастовардҳои асосии дар сатҳи Конститутсия пешбинишуда муқаррароти меъёри моддаи 5 мебошад, ки тибқи он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ дониста мешаванд. Муқаррар шудааст, ки ҳаёт, қадр, номус ва дигар хусусиятҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Муҳимтарин хусусиятҳои хоси Конститусияи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон он аст, ки асоси мустаҳками ба даст овардани сулҳу оромӣ, ризоияту ваҳдати миллӣ гардид.

**(Идома дар саҳ. 2)**

**●Муҳокимаи парламентӣ**

## Дастгирии унвонӣ қадами устуворест дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ,

### мутаассифона, дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон, ки ин низом роҳандозӣ шудааст, мардум аз мавҷудият ва моҳияти ин иқдом огоҳии комил надоранд

**Дуюми ноябри соли равон таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба ҷараёни иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 октябри соли 2010 таҳти №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» баргузор гардид.**



Дар муҳокимаи ошкорои парламентӣ масъулини вазорату идораҳои марбута ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд. Дар оғоз раисикунанда-муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов суханронӣ намуд:

**- Вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза яке аз паҳлуҳои хеле муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсати иқтисодии давлат мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ба ҳама маълум аст, ки мо дар остонаи ҷашнгирии 20-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Ин иҷлосия дар таърихи навини халқи тоҷик саҳифаест, ки бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст, зеро барои халқи Тоҷикистон, ба миллату давлати тоҷикон роҳбари бунёдгузору арзанда, сулҳофаринро рӯйи кор овард.

Айни замон ҷумҳурии мо дар марҳилаи гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ қарор дорад ва қонунҳои соҳавӣ, барномаҳои давлатии таҳиямешуда бояд характери иҷтимоӣ дошта бошанд, ки дар ниҳояти кор ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва таъмини шароити озодонаи рушди захираҳои инсонӣ мусоидат намоянд.

Ин муқаррарот дар қонунҳои қабулгардидаи соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон, Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва монанди инҳо баръало мушоҳида мегардад.

Бо дарназардошти камбудиҳои нисбии Буҷети давлатӣ, хароҷот ва азнавтақсимкунии воситаҳои буҷетии соҳа бояд дар асоси унвонӣ ва дуруст муайян намудани истифодабарандагони он амалӣ карда шавад.

Аз ин ҷост, ки дар ҷумҳурӣ тартиби нави тақсимоти воситаҳои буҷетӣ ба аҳолии камбизоат тариқи пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ мавриди таҷриба қарор гирифтааст.

Дар иртибот ба ин чорабинӣ, ки омӯзиши он дар таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар доираи кӯмакҳои созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Комиссияи Аврупо ва Бонки Умумиҷаҳонӣ барномаю лоиҳаҳои ҳукуматиро пиёда намуда, дастовардҳои якчанд кишвари дунёро баррасӣ ва амиқан омӯхтааст, зеро ҷорӣ намудани ҳар як падидаи нав дар ҷомеа якуякбора, бе назардошти омӯзиш ва таҷрибагирӣ, самараи дилхоҳ намедиҳад.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Сарчашмаи низоми ҳуқуқии ҷомеа

**(Идома аз саҳ. 1)**

Меъёрҳои он мусоидат намуданд, ки сулҳу оромӣ ва ризоияти миллӣ заминаи муҳимтарини субот ва пешравии ҷомеаи мо гарданд.

Конститутсия асосҳои низоми ҳуқуқии нави давлатро муайян намуд. Дар таҷрибаи қонунгузорӣ бори аввал қабули қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ шуд. Тибқи меъёри муқарраrnамудаи моддаи 61-уми Конститутсия қонунҳои конститутсионӣ оид ба масъалаҳое қабул карда мешаванд, ки Конститутсия муайян намудааст. Тартиби қабули қонунҳои конститутсионӣ, тавре ки муайян шудааст, бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегарданд ва Маҷлиси миллӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои худ онро ҷонибдорӣ мекунад. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 қонуни конститутсионӣ амал мекунад, ки бо тартиби дар боло муқарраргардида қабул карда шудаанд.

Конститутсия на танҳо низоми ҳуқуқии ҷомеаро мушаххас муайян намуд, балки мақоми амаликунандаи он ва тартиби қабули қонунҳоро низ пешбинӣ кард. Дар таърихи парламентаризми давлат бори аввал парламенти думаҷлиса ба фаъолият шурӯъ намуд. Муқаррар гардид, ки қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул намуда, ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд. Маҷлиси миллӣ қонунро бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад. Дар мавриди дастгирӣ наёфтани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ мешавад. Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон қонун ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Ҳамчунин Конститутсия тибқи меъёри конститутсионӣ субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро муқаррар намуд. Мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд.

Яъне, лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон танҳо аз ҷониби субъектҳои мазкур пешниҳод карда мешаванд. Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон танҳо аз рӯйи масъалаҳои вобаста ба ин вилоят лоиҳаи қонун пешниҳод карда метавонад.

Конститутсия тартиби пешниҳоди лоиҳаи ду қонунро алоҳида муайян кардааст. Мутобиқи он лоиҳаи қонун дар бораи авф танҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда мешавад. Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар ва бекор кардани андозҳо бошад, танҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи авф ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатӣ танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул гардида, барои имзо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳамин тавр, низоми ҳуқуқие, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, хеле дақиқ ва мушаххас буда, дар соҳаи қонунгузорӣ ва қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чун сарчашма хизмат мекунад.

Таҷрибаи ҳаждаҳсолаи фаъолияти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон собит намуд, ки воқеан ҳам меъёрҳои он ҷавобгӯйи ормонҳои халқи Тоҷикистон будаанд, зеро боиси ба амал омадани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию фарҳангӣ ва сиёсии кишварамон гардиданд.

***Абдуманон ХОЛИҚОВ,***
***муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# КОНСТИТУТСИЯ
## - заминаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихоби ҳайати нави Ҳукумат ва Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон барои барқарор намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа шароит фароҳам овард. Баҳри иҷрои ин нақшаи азим, баъди барҳам хӯрдани сохти шӯравӣ, эҷоди санаду қонунҳо ва барои ин амал қабули Конститутсияи нав зарур буд. Зеро ки дар он марҳила маълум набуд, ки мо кадом роҳи рушди ҷомеа ва кадом шакли идораи давлатиро интихоб менамоем. Бинобар ин, бо роҳбарии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи конститутсионӣ таъсис ёфт, ки лоиҳаи Конститутсияи навро таҳия намуд ва 6 ноябри соли 1994 тавассути овоздиҳии умумихалқӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд. Тибқи Конститутсия эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳадафи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид ва он чун шакли давлатдорӣ аз ҷониби ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ пазируфта шуд. Ин боис гардид, ки Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайвандад ва дар арсаи байналмилалӣ онро эътироф намоянд.

Меъёрҳои муайяннамудаи Конститутсия барои устувории вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва осоиши мардум хизмат мекунанд. Тавре маълум аст, соли 1991 Парлумони онвақта борҳо ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид кард, ки ба манфиати ин ё он гурӯҳи сиёсӣ хизмат намуда, боиси барканоршавии Сарвари давлат гардида буд. Акнун тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар тибқи моддаҳои 98, 99, 100-уми боби 10-уми он танҳо бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад ва ягон аҳзоби сиёсӣ ё гурӯҳи одамон бо роҳи зӯрӣ ва фишор ҳуқуқ надоранд, ки ба он тағйиру иловаҳо ворид намоянд.

Мавқеи асосиро дар Конститутсия ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ташкил медиҳад. 34 моддаи Конститутсия, яъне сеяки он ба ин мавзӯъ бахшида шудааст. Махсусан, пас аз тағйиру иловаҳое, ки аз 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия ворид гашт, дар ин ҷанба онро такмил дод ва пурра сохт. Масъалаи забони миллӣ ва рамзҳои давлатӣ ҳалли худро ёфтанд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои байни мақомоти марказии ҳокимиятро аз рӯйи принсипи таҷзияи он муайян кардааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими давлатдорӣ интихоби институти президентӣ буд. Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи идоракунии президентӣ тарзи парлумонӣ интихоб гардида буд. Бинобар ин, ҳангоми таҳияи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсҳо зиёд гашта, ду лоиҳа таҳия шуд ва дар муҳокимаи гурӯҳи корӣ ва Комиссияи конститутсионӣ аксарият «Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ»-ро тарафдорӣ карданд. Дар давоми 18 соли амали Конститутсия дурустӣ ва ба ҳолати кунунии ҷумҳурӣ мувофиқ будани ин роҳ исботи худро ёфт. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идоракунии президентиро муқаррар намуд ва тибқи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст (моддаи 64). Президенти кишварро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ интихоб менамоянд. Ба салоҳияти Президенти ҷумҳурӣ муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, таъсис ва барҳам додани вазоратҳо, таъин ва аз вазифа озод намудани судяҳои суди ҳарбӣ, суди ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, судҳои иқтисодӣ ва дигар ваколатҳо дохил мешаванд.

Боби ҳаштуми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни алоҳида ва мустақили ҳокимияти давлатӣ бахшида шудааст, ки принсипҳои асосии фаъолияти он, низоми сохтори судӣ, вазифа, мақсадҳои амалӣ намудани адолати судӣ ва ваколатҳои судяҳоро муқаррар намудааст. Ин муқаррарот фаъолияти мустақилона ва имконияти пурраи баамалбарории адолати судиро таъмин менамояд. Принсипи мустақилияти судяҳо яке аз талаботи асосии давлати ҳуқуқбунёд буда, барои таъмини фаъолияти суди босалоҳият ва беғаразона, ки дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунанда таъсис дода шудааст, равона гардидааст.

Дар Конститутсияи нав яккаҳизбӣ аз байн бурда шуд ва принсипи бисёрҳизбӣ ҷорӣ гардид. Мувофиқи он, имрӯз дар ҷумҳурӣ ҳашт ҳизби сиёсӣ амал менамоянд. Мақсади моддаи 12-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар таъмин намудани муносибатҳои бозорӣ, ривоҷи соҳибкорӣ, гуногуншаклии моликият, аз ҷумла, моликияти хусусӣ мебошад. Дар доираи Конститутсия дар мамлакат ваҳдат ва ризоияти миллӣ барқарор шуд, тағйиру иловаҳои соли 1999 давлатдории тоҷиконро комилтар сохт.

Дар ин робита Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намуда буданд: «Рӯзи 6-уми ноябри соли 1994 дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаи бузург ба вуқӯъ пайваст. Халқи тоҷик дар таърихи беш аз ҳазорсолаи давлатдориаш бори аввал Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул кард. Иштироки фаъолонаи шаҳрвандони тамоми ҷумҳурӣ дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ яке аз дастовардҳои бузург ва пирӯзии демократия дар Тоҷикистон мебошад».

***Маҳмудҷон ҒУЛОМОВ,***
***судяи Суди вилояти Хатлон***

**• Ба истиқболи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Таъмини амнияти вакилон дар баргузории иҷлосияи таърихӣ

**Дар ҳаёти халқияту миллатҳои дунё санаҳои таърихию воқеаҳое рух медиҳанд, ки дар тақдири оянди онҳо гардиши куллӣ ва сарнавиштсоз мегарданд. Дар ҳаёти халқи тоҷик низ чунин санаю воқеаҳо кам нестанд, вале дар байни онҳо Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҷудогона ва махсусро ишғол мекунад. Воқеан, ин Иҷлосия дар ҳаёти мардуми тоҷик тақдирсозу боис ба гардиши куллӣ гардид. Маҳз дар ҳамин Иҷлосия ҳокимияти қонунӣ барқарор гардида, ҷумҳурӣ аз вартаи ноумедӣ раҳонида, пеши роҳи парокандашавии он гирифта шуд.**

**Дар бораи аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паҳлуҳои он хеле зиёд навиштаанд ва боз хоҳанд навишт. Вале аз боби чӣ гуна чораён гирифтани таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи амнияти шахсии вакилони мардумӣ, ки ба андешаи мо хеле муҳим аст, на ҳама огаҳӣ доранд.**

Пеш аз ҳама бояд таъкид кард, ки бо назардошти вазъияти ноорому хатарноки пойтахт ва навоҳии ҷанубии мамлакат, вобаста ба интихоби ҷойи баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фикри ягона набуд. Баъзеҳо бар он ақида буданд, ки Иҷлосия берун аз ҷумҳурӣ дар шаҳрҳои Алмаато, Бишкек ё Теҳрон гузаронида шавад. Бархе шаҳрҳои Хуҷанд, Чкаловск ва Исфараро ҷойи баргузории Иҷлосия пешниҳод мекарданд. Ниҳоят муқаррар гардид, ки Иҷлосия дар шаҳри Хуҷанд даъват карда шавад. Дар кадом толор гузаронидани Иҷлосия низ боиси баҳс буд. Яке толори ҳукумати вилоятро пешниҳод кунад, дигарҳо Қасри Арбоброро бехтар шумориданд, зеро ин бино аз ҳар ҷиҳат (пеш аз ҳама аз нигоҳи муҳофизатии он) бехтару хубтар ва мувофиқтар ҳам буд.

Барои пурра муайян кардани тафсилоти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии вакилони халқ дар рӯзҳои баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифи ин сатрҳо ба вилояти Суғд сафари хизматӣ анҷом дода, бо кормандони масъули мақомоти корҳои дохилӣ, ки ҳамон шабу рӯз ин масъулияти вазнинро ба дӯш доштанд, ҳамсуҳбат шуд.

Дар ин кори хайр сардори Раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд - генерал -майори милитсия Шариф Назаров мусоидат намуд. Бо кӯмаки ӯ якчанд собиқадорони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла Саид Уроқов (собиқ сардори шуъбаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Раёсати корҳои дохилӣ), Муҳсин Муҳиддинов (собиқ ҷонишини сардори Раёсати корҳои дохилӣ оид ба таъминот), Тошмурод Самадов (собиқ сардори шуъбаи экспертию криминалистии Раёсати корҳои дохилӣ), Восит Зокиров (собиқ муовини мудири шуъбаи Бозрасии давлатии автомобилӣ, ҷонишини сардори Раёсати корҳои дохилӣ), Мирзо Охунов (феълан муовини сардори Раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд) ба бинои Раёсати корҳои дохилӣ даъват шуданд ва бо онҳо суҳбати ҷиддию тӯлонӣ доштем.

Пеш аз ташрифи вакилони халқ мақомоти амният ва корҳои дохилӣ пешакӣ пурра Қасри Арбоброро аз муоина ва назорати махсус гузарониданд. Ба ин кор ҷонишини вазири корҳои дохилӣ Абдусаттор Раҷабов ва сардори Раёсати амнияти вилояти Кӯлоб Саидамир Зуҳуров низ вазифадор шуда буданд.

- Ҳамон шабу рӯз, - ба хотир меорад Абдусаттор Раҷабов, -мудири шуъбаи мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия, -вазъи пойтахт хеле пурхавфу хатар буд. Ба ман, ки он вақт ҷонишини вазири корҳои дохилӣ будам, супориш шуд, ки баҳри таъмини тартиботи ҷамъиятӣ барои доир намудани Иҷлосияи таърихию тақдирсози XVI Шӯрои Олӣ тамоми қувваҳои мақомоти корҳои дохилиро сафарбар намоям. Бо душвориҳо ағбаҳоро убур карда, ба шаҳри Хуҷанд расидам. Аллакай то рафтани ман дар ин ҷода хеле кор пеш рафта буд, вале боз кори зиёдеро анҷом додан лозим омад. Тамоми иншооти муҳим- фурудгоҳ, вокзали роҳи оҳан, даромадгоҳҳои асосӣ ба ҳудуди вилоят, шаҳри Хуҷанд зери ҳимояи кормандони корҳои дохилӣ гирифта шуд. Хусусан дар фурудгоҳ гирифтани яроқ аз баъзе вакилон ва шахсони даъватгардида душворӣ пеш меовард. Баъзе вакилон дарҳол норизоӣ изҳор карда, ба эҳсосот дода мешуданд. Вале мо онҳоро бовар мекунонидем, ки супоридани яроқ танҳо бо хотири таъмини бехатарии худи вакилон ва ҳамаи онҳое, ки ба Иҷлосия даъват шудаанд, нигаронида шудааст. Умуман, дар маҷмӯъ қувваҳои амниятӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ, ки аз дигар минтақаҳо – Кӯлоб, Қӯрғонтеппа барои кӯмак даъват шуда буданд, якҷоя бо ҳайати шахсии Раёсати корҳои дохилии вилояти Ленинобод сарбаландона аз иҷрои вазифаҳои хеш баромада тавонистанд.

Тавре аз суҳбати собиқ сардори шуъбаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Раёсати корҳои дохилии вилоят С.М.Уроқов бармеояд, барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар он рӯзҳо ҳайати шахсии раёсат ба ҳолати шабонарӯзии хизмат гузаронида шуда буд. Бо мақсади таъмини бенуқсони тартиботи ҷамъиятӣ ситоди махсус ташкил ёфт, ки ба он сардорони тамоми шуъбаҳои оперативии Раёсати корҳои дохилии вилоятӣ шомил гардиданд ва роҳбарии ситод ба зиммаи подполковники милитсия Валерий Павлович гузошта шуда буд. Аъзои ситод аввал аз рӯйи харитаҳои топографии вилоят ва шаҳри Хуҷанд тамоми нуқтаҳои муҳим ва роҳҳои даромадро омӯхта, ба ин минтақаҳо ва нуқтаҳою гузаргоҳҳо кормандони милитсияро вобаста намуданд. Ҳар як роҳбари гурӯҳ супоришҳои мушаххас гирифт. Ҳамзамон тамоми иншооти муҳими давлатӣ ва дорои аҳамияти сиёсию стратегӣ, аз қабили вокзалҳо, фурудгоҳ, маркази телевизиони вилоят, бинои Ҳукумати вилоят, Неругоҳи барқи обии «Қайроққум», бонк, почта, марказҳои обтаъминкунӣ, роҳҳои магистралии автомобилӣ ва ғайра зери ҳимоя гирифта шуданд.

Ба гуфтаи полковники мустаъфӣ Саид Мустафоевич Уроқов, тамоми роҳҳои даромаду баромади вилоят ҷиддӣ зери назорат гирифта шуда, дар ҳар яки онҳо ду гузаргоҳӣ (КПП) бо хизмати шабонарӯзӣ ташкил шуд. Зиёда аз ин шаҳр ва ноҳияи Хуҷанд ба се ҳалқа тақсим ва дар ҳар як ҳалқа аз кормандони ботаҷриба мутасаддиён таъин шуданд. Ба тамоми ҳайати шахсӣ ва дигар кормандони милитсия, ки ба кӯмаки мо омада буданд, супориши қатъӣ дода шуд, ки дар давоми хизмат ягон шахси яроқнок ва шубҳанок бояд вориди вилоят нагардад.

Аз ҳуҷҷатҳои порча-порча боқимондаи Раёсати корҳои дохилӣ (қисми зиёди ҳуҷҷатҳои бойгонии раёсат бар асари ҳамлаи ватанфурӯшони полковники хоин М.Худойбердиев сӯхта нобуд шудаанд) маълум мегардад, ки бо дастури сардори Раёсати корҳои дохилӣ шуъбаҳои корҳои дохилии он ноҳияҳои вилояти Ленинобод, ки дар он ҷо вакилони халқ кору зиндагӣ доштанд, вазифадор шудаанд, ки барои ҳимоя ва таъмини амнияти шахсии депутатҳо кормандони ботаҷрибаю поквиҷдонро вобаста карда, бо техникаи аз озмоиши техникӣ гузашта, субҳи 16 ноябри соли 1992 онҳоро ба Қасри Арбоб расонанд.

Аз нақли полковники мустаъфӣ Тошмурод Самадов бармеояд, ки роҳбарии умумии таъмини тартибот дар дохили толор ба дӯши майори милитсия Сулаймон Қодиров гузошта шуда буд. Рӯзҳои баргузории Иҷлосия Тошмурод Самадов дар яке аз дарҳои воридшавӣ ба дохили толор хизмат мебурд. То даромадгоҳ ба қасри мазкур, -мегӯяд ӯ, - дар масофаи 300 метр кормандони корҳои дохилӣ долон (коридор) сохта, ҳар як депутат ва шахси иштирокчӣ ҷиддӣ тафтиш шуда, бо шиноснома, шаҳодатномаи депутатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба толор ворид мегашт. Шахси шубҳанок ё ҳуҷҷатҳояш нодуруст дарҳол ба ситод оварда, аз нав санҷидаю пурсупос ва аниқ карда мешуд.

Дар атрофу дохили Қасри Арбоб кормандони милитсия Ҳафиз Юсуфов, Сулаймон Қодиров, Ҳасанҷон Ҳасанов, Тошмурод Самадов, Вайдуло Азимов масъулияти бештар доштанд. Вайдулло Азимов (он вақт дар рутбаи лейтенанти калони милитсия), ки ҷавони тануманд ва боғайрат буд, сардории дастаи таъиноти махсуси милитсияи вилоятро ба зимма дошт, бехатарии вакилонро дар толор таъмин мекард. Алҳол ӯ сардории яке аз воҳидҳои таълимии факултети чоруми Академияро ба уҳда дорад.

Масъулияти гурӯҳи кормандоне, ки дар фурудгоҳ, вокзали роҳи оҳан хизмат мебурданд, боз ҳам ҷиддӣ буд. Ба онҳо супориш шуда буд, ки тамоми шахсони омадурафтдоштаро омӯхта, шахсони шубҳаноку дар ҷустуҷӯ қарордошта ва онҳоеро, ки ба ниятҳои ғаразнок меоянд, ошкору дастгир намоянд. Ба тамоми кормандони милитсия таъкид шуда буд, ки ҳамеша ҳушёру зирак буда, ба ягон иғво дода нашаванд, зеро ҳамон шабу рӯз чунин ба назар мерасид, ки кимкадом қуввае барои халалдор намудани баргузории ин ҷаласаи таърихӣ кӯшиш мекунад.

Дар ҳақиқат, қисми зиёди ҳамсуҳбатони ман, собиқ кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки ҳамон шабу рӯз барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб шуда буданд, тасдиқ мекарданд, ки чунин сару садоҳо ҷой доштанд. Аз ҷумла Т.Самадов, С.Уроқов, М.Муҳиддинов дар суҳбаташон тасдиқ намуданд, ки аз тарафи шахсони алоҳида баъзан дар бораи ҳамлаи силоҳбадастон ҳар гуна овозаҳо паҳн мешуд. Бешубҳа, бо паҳн кардани чунин овозаҳо душманони миллат мехостанд ба дили вакилони мардумӣ, иштирокчиёни Иҷлосия ва онҳое, ки дар хизмати шабонарӯзӣ қарор доштанд, тухми тарсу ҳарос, ваҳму таҳлука кишт намоянд.

Ҳамин буд, ки кормандони амният ва ҳам мақомоти корҳои дохилӣ вакилонро шабонарӯзӣ муҳофизат мекарданд. Ҳатто баъзе вакилон худашон намедонистанд, ки амнияти онҳо дар дохилу беруни меҳмонхонаҳо ва ҳам ҳангоми рафтуомад ба Қасри Арбоб ҳифз карда мешавад. Вакили мардумӣ Бобораҷаб Бобоев, ки дар баргузории Иҷлосия талошу заҳмати зиёд кардааст, ҳодисаеро ба хотир овард:

- Вакиле тахминан соати 2-3-и шаб барои сигоркашӣ аз дохили Қасри Арбоб берун мебарояд. Ӯ гумон доштааст, ки дар ин вақт ҳама хобанд, ҳатто кормандони милитсия низ. Вале баъд аз 15-20 қадам гузоштан ӯро кормандони милитсия пешвоз гирифта, суҳбат карда, аз уток набаромаданашро маслиҳат додаанд. Вакил ин ҳолатро ба дигарон гуфта, дилпурона аз сатҳу сифати хизмати кормандони милитсия миннатдорӣ намудааст.

Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани рафти хизмат, ҳушёрию зиракӣ ва бедорхобию матонати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ тири душманон хок хӯрд, зеро тамоми мардуми шарифи вилояти Ленинобод он шабу рӯз аз ҳарвақта дида ҳушёру зирак шуда буданд ва ҳатто агар дар суҳбати оддии сарикӯчагӣ низ ягон нохалаф ҳарфи ноҷое аз даҳон мебаровард, ҳамон лаҳза ҷавоби муносиб ва сазовор мешунид. Хурду бузург, коргару деҳқон, зиёию руҳонӣ, ҳамагӣ як навъ иштирокчии ин Иҷлосияи таърихӣ буданд, зеро ҳама ба чашми чор ба рафти Иҷлосия дида дӯхта, ба натиҷаҳои он умед баста буданд.

Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ тинҷиву амнияти вакилон, тамоми шароити мусоиди корро дар давраи фаъолияти Иҷлосия сарбаландона таъмин карда тавонистанд. Ба чораёни кори Иҷлосия аз берун гурӯҳ ё нафаре таъсир расонида натавонист. Ҳамаи ин имконият фароҳам овард, ки Раиси Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати нав бо роҳи қонунӣ интихоб гардида, кишвар аз парокандагӣ ва миллату давлат аз фаношавӣ раҳо дода шавад. Роҳ ба сӯйи қонуният ва фардо кушода шуд. Тамоми кишварҳои дуру наздик қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси тозаинтихоби он – Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати нави Тоҷикистонро пазируфтанд ва бо он ҳамкорӣ намуданд.

Дар таъмини амнияти вакилони мардумӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ дар арафа ва дар давраи баргузории Иҷлосия тамоми ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳои вилояти Ленинобод ҳиссагузор буданд. Ҳамзамон заҳматҳои ҷонишини вазири корҳои дохилӣ, депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия А.А.Қаҳҳоров низ баръабас нарафт. Ӯ дар мавридҳои зарурӣ тавсияю маслиҳатҳои муфид медод, ки ҳатман ба фоидаи кор буд. Инчунин сардори Раёсати корҳои дохилӣ Ҷ.Урунов, муовинони сардори раёсат А.Раҳимҷонов, А.Ғозиев, З.Икромов ва сардорони шуъбаҳои корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ташкилу таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии рафти Иҷлосия ва депутатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштанд. Раиси Шӯрои Олии тозаинтихоб Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии хеш дар Иҷлосияи таърихӣ ин нуктаро махсус таъкид намуда, чунин изҳор намуданд: «Мо аз Ҳокимияти иҷроияи вилояти Ленинобод ва мардуми шаҳри Хуҷанд барои муҳайё намудани шароити мусоид дар гузаронидани Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят миннатдор ҳастем».

Баъди анҷоми Иҷлосия теъдоди зиёди кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба мукофотҳои моливу пулӣ, ордену медалҳо, рутбаҳои навбатию пеш аз муҳлат сарфароз гардиданд.

Аксари он кормандони ҳифзи ҳуқуқ, ки дар таъмини ҳифзи тартибот ва амнияти шахсии вакилони мардумӣ иштирок кардаанд, воқеан метавонанд ифтихор намоянд. Онҳо дар таъмини амнияти ин Иҷлосияи таърихию сарнавиштсоз иштирок намуда, бо ҳамин дар гузоштани аввалин хиштҳои давлатдории навини тоҷик саҳмгузор шуданд.

***А. РОЗИҚЗОДА,***
***сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия***

**• Ба пешвози Рӯзи милитсияи тоҷик**

# Ба эътимоди халқ сазовор бояд шуд,
## -мегӯяд сардори шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Истаравшан Ҷӯрахон Кабиров



Дар остонаи ҷашни фархундаи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон милитсияи тоҷик 87-солагии таъсисёбии хешро таҷлил менамояд.

Тӯли ин муддат шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Истаравшан дар кори таъмини амнияти давлату миллати тоҷик корҳои назаррасро анҷом додааст. Чун китоби пуравроқи таърихи милитсияи ин шаҳрро варақ мезанем, пеши назар симоҳои собиқадорони он Бобо Содиқов, Рауф Шарифов, Муъминҷон Иброҳимов, Бобоҷон Аминов, Худойназар Додобоев, Абдулло Неъматов, Ҳайит Носиров ва даҳҳо дигарон ҷилвагар мешаванд, ки бо кору пайкор, ҷасорату матонат вазифаи муқаддаси худро иҷро кардаанд. Дар тӯли 21 соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон хизматчиёни милитсияи тоҷик дар барқароркунии сохти конститутсионии кишвар саҳми босазо гузошта, дар мубориза бар зидди ҷинояту ҷинояткорӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, тарбияи мардум дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, садоқат ба давлату миллат хизмати шоистаро ба ҷо овардаанд.

Кормандони соҳа имрӯз номи ҳамсафони хеш Муҳаммадҷон Ҷумъаев, Муҳаммадраҳим Эргашев, Ҳақназар Фармонқулов, Қутфулло Ашӯров, Бахтиёр Фозилов ва чанд тани дигарро боифтихор ба забон меоранд, ки дар адои хизмати содиқонаи худ ба Ватан ҷонашонро нисор кардаанд.

Имрӯз аз ҷумлаи кормандони ин соҳа Усмонов Баҳром, Умарқулов Илҳом, Ҳабибов Хусрав, Муъминов Зоҳир, Каваков Амонулло ва даҳҳо дигаронро метавон номбар кард, ки бо кори шоиста ва ҷасорату матонаташон дар кушодани гиреҳи ҷиноятҳо миёни кормандони шуъба обру касб кардаанд.

Шуъбаи мазкурро соли сеюм аст, ки полковники милитсия Ҷӯрахон Кабиров сарварӣ менамояд. Ӯ дастпарвари мактаби олии милитсия аст. Дар вазифаҳои роҳбарии шуъбаҳои корҳои дохилии ноҳия ва шаҳрҳои Ваҳдат, Норак, Абдураҳмони Ҷомӣ ва вилояти Хатлон кор карда, таҷрибаи зиёд андӯхтааст. Солҳои 2000-2010 ду даъват (даъватҳои дуюму сеюм) вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, ба ҳайси раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор фаъолият кардааст. Ӯ оғози соли 2007 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда буд. Аз 26 январи соли 2010 инҷониб вазифаи сардори шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Истаравшанро ба уҳда дорад. Номбурда барои хизматҳои шоёнаш дар соҳаи милитсияи тоҷик ва муносибатҳои байнипарлумонии мамлакатҳои аъзои ИДМ бо ордени «Шараф», медали ҷашнии «5-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо Қарори Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ бо ордени «Содружество» сарфароз гардидааст. Аълочии милитсия ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Чанде қабл Ҷӯрахон Кабиров бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали «Ҷасорат» қадрдонӣ гардид.

-Сардори мо дар ҳақиқат инсони комил, донишманд, кордону ташкилотчӣ, ҷасуру матинирода, серталабу масъулиятшинос ва дар баробари ин оддиву хоксор мебошанд,- мегӯяд муовини сардор оид ба кор бо ҳайати шахсӣ подполковники милитсия Мансур Маҳмудов.

Баробари ба вазифаи сарварии шуъба таъин шудан корро аз воҳӯрию мулоқотҳо бо мардуми оддӣ, сокинони деҳоту маҳаллаҳои шаҳр оғоз кард. Натиҷаи ба инобатгирии фикру мулоҳизаҳои мардум бобати пешгирии ҷиноятҳо, кор бо оммаи васеъ, махсусан ҷавонон, беҳдошти кори соҳаи милитсия, таъмини амнияту субот, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва дигар масоили иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҷамъиятии шаҳр буд, ки кори соҳаи мо хеле пеш рафт ва шумораи ҷинояткорӣ коҳиш ёфт.

-Як самти қобили таваҷҷуҳи сарварии Ҷӯрахон Кабиров маҳз дар наздик будан ба мардум аст, -мегӯяд сарвари Иттифоқи собиқадорони муҳорибаҳои Афғонистон дар шаҳри Истаравшан полковники мустаъфии амният Мирзо Олимов. Иттифоқи мо зиёда аз 300 нафар аъзо дорад. Ҳамаи онҳо аъзои дружинаи ихтиёрии шаҳр мебошанд. Дар рӯзҳои ид, чораю тадбирҳои оммавӣ ёрдамчиёни боэътимоди милитсия ҳастанд. Ҷӯрахон Кабиров хизмати «афғонҳо»-и моро қадр карда, фаъолонамонро бо ифтихорномаю сипосномаҳои шуъба сарфароз мегардонад.

Нависандаи ин сатрҳо шоҳиди даҳҳо мулоқоти Ҷӯрахон Кабиров бо мардум мебошад. Тахти сарварии ӯ аз шаҳру деҳот даҳҳо яроқу аслиҳаи ҷангӣ, маводи тарканда, садҳо фитаю сабтҳои таблиғотии мазмуни динидошта, адабиёти зидди давлатӣ мусодира гардида, пеши роҳи як қатор ҷиноятҳои муташаккил баста шуд. Аз 53 нафар сокинони шаҳру навоҳии минтақа, ки нақшаи гузаронидани амалиёти террористиро доштанд, 42 нафарашонро маҳз кормандони ин шуъба дастгир кардаанд.

Дар суҳбат бо полковники милитсия Ҷӯрахон Кабиров маълум шуд, ки таи нуҳ моҳи соли равон дар шуъба шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда 239 ададро ташкил додаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 20 адад камтар аст. Аз ҳамин шумора 234 ҷиноят пурра ошкор карда шудааст. Дар ин самт ҳам нисбати ҳамин давраи соли гузашта пешравӣ дида мешавад. Вале ҷиноят аз ҷониби ноболиғон чор адад афзудааст. Порсол шаш адад буд, аммо имсол даҳ ададро ташкил додааст.

Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20 апрели соли 2011) чунин фармуда буданд: «…миллати тоҷик, бахусус ҷавонону наврасони мо низ бояд аз решаҳои тамаддуни қадима, забону фарҳанги миллӣ ва оинҳои давлатдории халқи худ огоҳ бошанд ва вобаста ба дигаргуниву таҳаввулоти оғози ҳазорсолаи сеюм барои устувор гардонидани пойдевори давлатдории навин ва фарҳангу андешаи миллии тоҷикон саъю талош намоянд. Ин тақозои ҳаёт ва вазифаи ҳар миллати огоҳу соҳибфарҳанг мебошад.».

-Аз ин рӯ, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо -кормандони ҳифзи ҳуқуқро вазифадор кардаанд, ки ба хотири баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбии кормандони худ ҳамарӯза чораҳои зарурӣ андешида, ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав расонидани фаъолияти худ истифодаи тарзу усулҳои муосири пешгирӣ ва мубориза ба ҷинояткориро ҷорӣ намоем,- мегӯяд дар хотимаи суҳбат сардори шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Истаравшан полковники милитсия Ҷӯрахон Кабиров.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

# Муассиса бо кадрҳо таъмин мешавад

Дар ноҳияи Зафаробод 38 муассисаи табобатию профлактикӣ, аз ҷумла беморхонаи марказӣ, як маркази саломатӣ, ду беморхонаи минтақавӣ, ҳашт маркази саломатии деҳот, даҳ хонаи саломатӣ, даҳ нуқтаи фелдшерӣ, чор марказ, аз ҷумла маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, маркази солимии репродуктивӣ ва маркази эмтаъминкунӣ фаъолият намуда, дар онҳо 72 нафар духтурон кор мекунанд. Дар муассисаҳои табобатӣ 360 кат мавҷуд аст.

Дар масъалаи таъминоти аҳолӣ бо духтурон, бино ба гуфтаи сардухтури беморхонаи марказӣ Исмоил Раҳматуллоев, ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 12,1 нафар духтур рост меояд, ки ин хеле кам аст. Таъминот бо ҳамшираҳои шафқат бошад, 159 нафар ё ин ки ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 51,5 нафарро ташкил медиҳад.

- Барои бартараф намудани норасоии кадрҳо бо Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Ибни Сино ҳамкорӣ намуда, хатмкунандагони донишгоҳро ба ноҳия ба кор ҷалб карда истодаем, - мегӯяд И.Раҳматуллоев. Айни ҳол дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз ин ноҳия 18 нафар таҳсил карда истодаанд, ки 8 нафарашон тариқи квотаи Президентӣ дохил шудаанд.

***Н. ҲУСЕЙН,***
***«Садои мардум»***

(Идома аз саҳ. 1)

# ДАСТГИРИИ УНВОНӢ ҚАДАМИ УСТУВОРЕСТ ДАР САМТИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

Бо ин мақсад ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми нави таъин ва пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат Ҳукумати ҷумҳурӣ аввалан масъалаи ба тариқи таҷрибавӣ амалӣ намудани онро дар ду минтақа- шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон анҷом дода истодааст. Дар иртибот ба ин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» тасдиқ гардида, аз 1 январи соли 2011 то декабри соли 2012 ба таври таҷрибавӣ мавриди амал қарор дорад.

Бо назардошти муҳимияти таҳлили натиҷаҳои низоми таҷрибавӣ Маҷлиси намояндагон зарурати муҳокимаи парламентиро оид ба ин мавзӯъ баррасӣ намуда, роҳбарияти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати молия ва дигар мақомоти дахлдорро ба муҳокимаи парламентии имрӯза даъват намуд.

**РАИСИКУНАНДА:-**Ҳоло сухан барои гузориш ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хайринисо Юсуфӣ дода мешавад.



**Хайринисо ЮСУФӢ :- Мухтарам Раисикунанда ва ҳозирини гиромӣ!**

-Дасти аҳли ҳоҷатро гирифтан ва ниёзи ранҷурону мустамандону дармондагонро баровардан аз фазоили сутудаву баргузидаи миллати гиромии мост, ки ин суннатро то имрӯз посдорӣ мекунад.

Сарлавҳи ин накуиҳо боз ҳам ҳамон фармудаи машҳури Одамушшуаро Рӯдакист, ки мегӯяд:

«Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.»

Фарҳанги ҳимоят бузургтарин фарҳанги миллии мост, ки ҳолиё Роҳбари давлатамон онро сарварӣ мекунанд ва тамоми ибтикорҳои неку дар ин ришта аз мубодират ва ифтитоҳҳои Ҷаноби Олӣ бархостааст.

Парламенти кишвар низ барои ҳифзи бечорагону бенавоён ва кулли қисмати ниёзманди ҷомеаи мо қонунҳои судмандро таҳия мекунад ва далели рӯшани ин нукта дар муҳокимаи имрӯза мавриди таҳқиқ қарор гирифтани масоили дастгирии аҳли ниёз ва роҳҳои соддаю босамари кӯмакпулиҳост.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Сарқонуни худ, давлати иҷтимоӣ эълон гаштааст ва ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ барои таъмин намудани ин вазифаи олӣ ва меъёрии инсондӯстона тадбирҳои мушаххасро ба анҷом расонида истодаанд. Яке аз чунин тадбирҳо расонидани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандони камбизоат маҳсуб мешавад. Ҳадаф аз ҷорӣ намудани низоми нави пардохти кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ беҳтар ва шаффоф намудани пардохти ин кӯмакпулиҳо ба оилаҳои камбизоат, саҳлу содда намудани ҳуҷҷатгузорӣ ва тарзи муайяннамойии оилаҳои эҳтиёҷманд аз ҷониби мақомоти дахлдор ва дар маҷмӯъ, коҳиш бахшидан ба сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Бо мақсади дастрасии табақаи ниёзманди аҳолӣ ба имтиёзҳо, паст намудани сатҳи камбизоатӣ зарурияти таҳия ва татбиқи механизми нави дастгирии унвонии иҷтимоӣ ба миён омад.

Қадами нахустин дар ин ҷода ҳангоми таҳия ва қабул намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2001 таҳти №585 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоате, ки кӯдаконашон дар мактабҳои маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд», гузошта шуд.

Мақсад аз таъмини кӯмакпулӣ ба хонандагоне, ки аз оилаҳои камбизоат дар мактаб таҳсил менамоянд, аз он иборат аст, ки бо гирифтани кӯмакпулӣ волидайн ашёи зарурии таълимиро харидорӣ намуда, маълумоти фарзандонашонро сайқал диҳанд. Маълумоти оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки пас аз қабули санади мазкур теъдоди хонандагоне, ки аз мактаб дур монда буданд, дар маҷмӯъ кам шуда, иштироки фаъолонаи онҳо ба машғулиятҳо таъмин гардид.

Қадами навбатии унвонӣ гардонидани имтиёзҳо қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2004 таҳти №42 «Дар хусуси тасдиқи Низомнома дар бораи таъин ва пардохти ҷубронпулӣ ба оилаҳои камбизоат барои пӯшонидани хароҷоти истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ» буд. Баъдан механизми мавҷударо такмил дода, дар ин раванд ду Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007 таҳти №244 «Дар бораи кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд» ва аз 1 августи соли 2008, таҳти №379 «Дар бораи тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» қабул карда шуд.

Таҳлили маълумот оид ба дастгирии оилаҳои камбизоат вобаста ба пардохти истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ ва кӯмакпулӣ ба хонандагони ниёзманд нишон медиҳад, ки нақши механизми мавҷуда дар паст намудани сатҳи камбизоатӣ назаррас мебошад, лекин андозаи кӯмакпулиҳо нокифоя аст ва на ҳамеша ба беҳбуди ҷиддии шароити моддию молиявии оилаҳо мусоидат мекунад. Масалан, соли 2009 ба 241 ҳазор оила ва шаҳрвандони камбизоат ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ, ба 23810 (бисту се ҳазору ҳаштсаду даҳ) хонандагони оилаҳои камбизоат кӯмакпулӣ муқаррар гардида буд, ки ҳисоби маблағи миёнаи он 184 сомониро ташкил медод.

Ғайр аз ин, бинобар сабаби дар бисёр шаҳру ноҳияҳо набудани гази табиӣ ё дар моҳҳое, ки ба интиқоли барқ маҳдудият (лимит) ҷорӣ карда мешавад, оилаҳои камбизоат наметавонанд ин маблағҳоро барои хариди дигар намуди сӯзишвории гармидиҳанда сарф намоянд.

Аз ин рӯ, баъди таҳлили вазъи иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008 таҳти №379 «Дар бораи тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» ва аз 2 майи соли 2007 таҳти №244 «Дар бораи кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд», низоми нави пешниҳод намудани дастгирии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат таҳия ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» тасдиқ гардид. Низоми нав дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ва ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз 1 январи соли 2011 ба таври таҷрибавӣ татбиқ шуд.

Тазаккур бояд дод, ки барои дастгирии оилаҳои камбизоат дар Буҷети давлатӣ барои соли 2012 ҷиҳати пардохти ҷубронпулиҳо барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ 36 миллион сомонӣ, барои пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, 11 миллион сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст. Дар ин раванд дар соли 2012 барои шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон 4149820 (чор миллиону яксаду чилу нуҳ ҳазору ҳаштсаду бист) сомонӣ маблағ муқаррар гардидааст.

Аҳолии ноҳияи Ёвон ба ҳолати 20 октябри соли ҷорӣ 185527 (яксаду ҳаштоду панҷ ҳазору панҷсаду бисту ҳафт) нафар ё худ 24824 (бисту чор ҳазору ҳаштсаду бисту чор) оиларо ташкил дода, 7900 оила бо аризаи худ ба Раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳияи Ёвон муроҷиат намуданд ва ба 6265 оила кӯмаки унвонии иҷтимоӣ таъин карда шуда, дар ин давра ба оилаҳои камбизоат 1630200 (як миллиону шашсаду сӣ ҳазору дусад) сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

Теъдоди аҳолии шаҳри Истаравшан 231751 нафар (дусаду сиву як ҳазору ҳафтсаду панҷову як) ва ё худ 43062 (чилу се ҳазору шасту ду) оиларо ташкил медиҳад, ки аз ин 10006 (даҳ ҳазору шаш) оила барои аз кӯмаки унвонии иҷтимоӣ бархӯрдор шудан бо ариза ба Раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Истаравшан муроҷиат намуданд. Пас аз ворид намудани маълумотномаи пешниҳодшудаи шаҳрвандон дар барномаи компютер 3678 оила ҳуқуқи гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоиро пайдо карданд.

То 20 октябри соли ҷорӣ ба оилаҳои камбизоати шаҳри Истаравшан 1205000 (як миллиону дусаду панҷ ҳазор) сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст. Дар маҷмӯъ, ба оилаҳои камбизоати шаҳру ноҳияи таҷрибавӣ қариб 3 миллион сомонӣ маблағ пардохт карда шудааст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Албатта, ҳар як таҷриба ҷанбаҳои гуногуни худро дорост. Бинобар ин, то баргузории муҳокимаи парламентии имрӯза, ба ғайр аз гузаронидани таҳлили қонунгузории амалкунанда ва омӯзиши ҳисоботи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бо супориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров ду гурӯҳи корӣ аз шумори вакилон ва мушовирони кумита ба шаҳру ноҳияи таҷрибавии зикршуда аз 15 то 18 октябри соли ҷорӣ сафарбар шуданд.

Таҳлили татбиқи низоми нави кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон нишон дод, ки нисбат ба системаи мавҷудаи кӯмакҳои иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат (ҷубронпулии истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ, кӯмакпулӣ ба хонандагон аз оилаҳои камбизоат) бо шаффофияти худ, содда ва осон намудани расонидани кӯмакҳои иҷтимоӣ ба табақаи ниёзманди аҳолӣ, ки ба дастгирии иҷтимоии давлат эҳтиёҷманданд, бартариҳо дорад. Бинобар он, тавре дар боло зикр кардем, бо назардоштиислоҳи камбудиҳои ошкоршуда, таҷрибаи мазкур дар ҳашт шаҳру ноҳияи дигари ҷумҳурӣ низ роҳандозӣ хоҳад шуд.

Дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон вобаста ба корҳои иттилоотию тарғиботӣ дар ҳар ҷамоати шаҳраку деҳот лавҳаю овеза ва гӯшаҳои фаҳмондадиҳӣ бо насби мусаввара, навиштаҷот ва нашри махсус дар маҷаллаҳои шаҳриву ноҳиявӣ ҷойгир карда, тартиби таъин ва пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат тавассути воситаҳои ахбори омма ба аҳолӣ фаҳмонида дода шуда бошад ҳам, дар асл қисми зиёди аҳолии камбизоати шаҳру ноҳияи таҷрибавӣ аз ин кор бехабаранд.

Гарчанде миқдоран андозаи пардохтшудаи кӯмаки унвонии иҷтимоӣ аз андозаи ҷубронпулиҳои пештара зиёд аст, шумораи оилаҳои камбизоати бо ин намуди кӯмак фарогирифта нисбатан кам мебошад. Аз ин лиҳоз, дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии зикршуда на ҳама аз моҳияту аҳамияти низоми нав огаҳии комил доранд.

Дар тартиби таъин ва пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат ба ғайр аз баҳодиҳии нишондодҳои гуногуни шароити зисти оила ва шаҳрвандони алоҳида, аз ҷумла даромадҳо ва хароҷоти пулӣ, молу мулк ва мансубияти молумулкии ҳар як аъзои оила, вазъи зиндагии оилавӣ бояд ба инобат гирифта шавад, зеро таҳлили вазъи зиндагии шахсони аризапешниҳоднамуда ва ба рӯйхат шомилнашуда нишон дод, ки онҳо асосан аз ҷумлаи шахсони яккаву танҳо, оилаҳои бесаробон ва ё дорои зиёда аз ду нафар маъюбони гурӯҳи дуюм мебошанд.

Бинобар ин, ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем, ки:

1.То ҷорӣ намудани низоми нави пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ методика ва индикаторҳои муайян намудани оилаҳои камбизоат аз нав дида баромада шавад.

2.Кори тарғиботию ташвиқотӣ дар самти фаҳмондадиҳии моҳияти пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ, тартиби таъин ва пардохти он дар байни аҳолӣ, махсусан дар деҳот пурзӯр карда шавад.

Бовар дорам, ки чорабинии имрӯза ба ҳалли масъалаи муҳокимашаванда кӯмаки амалӣ мерасонад.

**РАИСИКУНАНДА:-** Ҳоло сухан ба вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов дода мешавад.

**Маҳмадамин МАҲМАДАМИНОВ:- Мухтарам Раисикунанда ва ҳозирини гиромӣ!**

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар кардани некуаҳволии халқ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, дастгирии аҳолии ниёзманд ва камбизоат дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.





Вобаста ба ин, бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, дар партави сиёсати иҷтимоии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон феълан Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳама ҷабҳаҳои фаъолият ислоҳоти куллиро роҳандозӣ намудааст.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои миқдории сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ дар чунин ҳолат қарор дорад: индекси нархҳои истеъмолӣ дар моҳи августи соли 2012-ум 101,3 фоиз, аз ҷумла ба молҳои озуқа -101,9 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа-100,3 фоиз ва ба хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ - 100,6 фоизро ташкил додааст.

Дар моҳҳои январ- августи соли равон музди меҳнати миёнаи номиналии кормандони соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ 52018 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 23,1 фоиз афзудааст.

Тибқи нишондиҳандаҳои ҳисоботи оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 июли соли 2012 теъдоди умумии нафақагирон 593237 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9131 нафар зиёд гардидааст. Андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ 153,3 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24,99 сомонӣ афзудааст.

Тӯли ин муддат сатҳу сифати кор дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии соҳа тақвият ёфта, танҳо давоми соли ҷорӣ аз ҷониби ин муассисаҳо ба 24 ҳазору 80 нафар пиронсолони яккаву танҳо, маъюбону ятимон ва собиқадорони ҷангу меҳнат хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида шудаанд.

Тавре ки маълум аст, дар баробари ислоҳоти низоми музди меҳнат, нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ масъалаи таҷдиди системаи имтиёзҳо ва пардохти кӯмакпулиҳо яке аз барномаҳои муҳими вазорат маҳсуб меёбад.

Дар иртибот ба тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, инчунин бо назардошти талаботи давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири шарту шароити зиндагии мардум ва дигар омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ислоҳоти низоми кӯмакҳои иҷтимоӣ ҳанӯз аз соли 2000-ум оғоз гардид. Ин буд, ки дар марҳилаи аввали татбиқи Матритсаи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2001 инҷониб механизми таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои оилаҳои камбизоати кӯдаконашон дар мактабҳои маълумоти умумӣ таҳсилдошта ва аз соли 2004 бошад, ҷубронпулӣ ба оилаҳои камбизоат барои пӯшонидани хароҷоти истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ ҷорӣ гардид.

Таҷрибаи таъину пардохти ҷубронпулӣ ба оилаҳои камбизоат барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ ва кӯмакпулӣ ба хонандагони ниёзманд нишон дод, ки механизми ҷоришуда барои дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат як андоза мусоидат намудааст.

Бо вуҷуди ин, тағйироти босуръати иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва омӯзишу табодули таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ аҳамияту зарурати такмили низоми мазкурро рӯйи кор овард. Бахусус тағйири сарчашмаи даромадҳои аҳолӣ ва пайдоиши омилҳои нави камбизоатӣ моро водор намуд, ки ба таҳия ва озмоиши усули нисбатан нави он шурӯъ намоем. Бояд иқрор шуд, ки барои амалӣ намудани ин иқдом Барномаи Комиссияи Иттиҳоди Аврупо – шартҳои техникии татбиқи Матритсаи он заминаи мусоид фароҳам овард.

Зимни он усули нави таъин ва пардохти кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №586 тасдиқ гардид. Дар асоси Қарори мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи маблағгузории ҳар ду кӯмакпулиҳо - барои мактаббачаҳо ва барои истифодаи барқу газ муттаҳид карда, механизми нави он бо шартҳо ва индикаторҳои нави муайянкунандаи сатҳи камбизоатӣ дар ду ноҳияи таҷрибавӣ - шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ва ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз 1 январи соли 2011 мавриди озмоиш қарор дода шуд.

Зарур аст зикр намоям, ки интихоби шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ва ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон барои озмоиши ин усули нави кор ба мавқеи ҷуғрофӣ, гуногунии шароити зисти сокинони онҳо вобаста мебошад.

Таҷрибаи озмоиши механизми нав дар ин ноҳияҳои пилотӣ тайи соли 2011 ва нуҳ моҳи соли ҷорӣ нишон дод, ки усули нави таъин ва пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ аз чунин бартариятҳо бархӯрдор аст:

1. Афзалияти асосии механизми нав дар он аст, ки баҳогузории эҳтиёҷмандии оила бо истифодаи индикаторҳои молумулкии оила асос ёфта, меъёрҳои байналмилалии баҳодиҳии некуаҳволии оила- даромади пулию молӣ, амвол ва дар баробари ин омилҳои камбизоатии оила (маъюбӣ, бесаробонӣ, теъдоди фарзандони ноболиғи оила) пешбинӣ шудааст, ки дар ҷумҳурӣ усули нисбатан нави корбарӣ дар ин соҳа мебошад. Бо механизми қаблӣ индикаторҳои муайянкунандаи сарчашмаи даромади оила пурра пешбинӣ нагардида буданд, ки дар аксар мавридҳо кори комиссияҳои дахлдори маҳаллӣ душвор ва боиси норозигии аҳолӣ мегардид. Тавре зикр шуд, механизми нав бошад, зиёда аз 10 индикатори муайянсозии сарчашмаи даромади оила ва як қатор омилҳои бевосита таъсиркунанда ба вазъи иҷтимоии оилаҳоро муайян намудааст, ки воқеияти баҳодиҳии вазъи оилаҳоро як андоза таъмин менамояд.

2. Бо механизми қаблӣ барои таъини кӯмакпулӣ шаҳрвандонро зарур буд, ки зиёда аз 10 номгӯйи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро аз мақомоти гуногун дастрас ва пешниҳод намоянд, ки дар бисёр мавридҳо, бахусус дар ноҳияҳои кӯҳистон ва деҳаҳои дурдаст, ҳаҷми кӯмакпулии таъиншуда хароҷоти шаҳрвандонро барои ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо пушонида наметавонист. Тибқи қоидаҳои нав бошад, қариб ҳамаи ташвишҳои шаҳрвандон барои ҳуҷҷатгузорӣ ва ҷамъоварии маълумоти гуногун барҳам дода шуда, танҳо бо пешниҳоди Маълумотномаи шакли махсус доир ба даромаду амволи оила сатҳи зиндагии оила баҳо дода мешавад.

3. Бо механизми нав коркарди маълумоти даромаднокии оилаҳо тавассути барномаи электронӣ бо истифодаи системаи баллӣ ва формулаи алгоритмӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин омил шаффофият ва дахолатнопазирии қабули қарорро доир ба таъини кӯмакпулӣ комилан таъмин менамояд. Чӣ кормандони сатҳи ҷамоатҳои деҳот ва чӣ кормандони масъули сохтори вазорат дар маҳал ба раванди муайянсозии ниёзмандии оилаҳо таъсир расонида наметавонанд.

4. Бартарияти дигари ин механизми нав дар он аст, ки андозаи кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат нисбат ба механизми қаблӣ ду маротиба афзоиш ёфт ва табиист, ки дар ин маврид дастгирии моддии оилаҳои камбизоат нисбатан тақвият меёбад. Мисол, дар асоси механизми нав дар давраи гузариш ба оилаҳои камбизоати шаҳри Истаравшан ба маблағи 1 млн. 978 ҳазору 200 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт гардидааст, ки ин нисбати соли 2010 ба андозаи 675 ҳазору 719 сомонӣ ё худ 51 фоиз зиёд мебошад. Ҳамин гуна тӯли ин муддат дар ноҳияи Ёвон, тибқи механизми нав, ба оилаҳои камбизоат ба маблағи 1 млн. 823 ҳазору 673 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт гардидааст, ки нисбат ба давраи қаблӣ 2,6 маротиба бештар аст.

Пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки ҳуқуқи гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоиро дар ноҳияҳои таҷрибавӣ пайдо кардаанд, ҳар семоҳа ба андозаи 100 сомонӣ ва дар як сол ба андозаи 400 сомонӣ тавассути нуқтаҳои БДАТ «Амонатбонк» ба суратҳисоби шахсии онҳо пардохт карда мешавад.

Дар нуҳ моҳи соли равон дар ҳар шаҳр ва ноҳияи пилотӣ 17906 оила барои гирифтани кӯмакпулӣ муроҷиат намуданд, ки 9 943 нафари онҳо аз пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ бархурдор гардиданд. Аз ин теъдод дар шаҳри Истаравшан ба 3 678 оила ба маблағи 1 млн. 469 ҳазору 800 сомонӣ ва дар ноҳияи Ёвон ба 6 265 оила ба маблағи 1 млн. 630 ҳазору 200 сомонӣ кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ таъин ва пардохт шуд.

Дар маҷмӯъ, тибқи механизми нави кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар давраи татбиқи он ба ҳисоби миёна дар шаҳри Истаравшан 10 фоизи оилаҳо (аз теъдоди умумии 43000 оила) ва дар ноҳияи Ёвон бошад 22 фоизи оилаҳо (аз теъдоди умумии 24824 оила) ва дар маҷмӯъ дар ҳар ду ноҳия 16 фоизи оилаҳо аз шумораи умумӣ аз ин кӯмакпулӣ бархӯрдор шудаанд.

Соли 2011 барои гирифтани кӯмакпулӣ дар шаҳр ва ноҳияи таҷрибавӣ 19 586 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 10 265 нафари онҳо аз пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ бархӯрдор гардиданд. Аз ин теъдод дар шаҳри Истаравшан ба 5 445 нафар ба маблағи 1 млн. 978 ҳазору 200 сомонӣ ва дар ноҳияи Ёвон ба 4 820 нафар ба андозаи 1 млн. 823 ҳазору 673 сомонӣ кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ таъин ва пардохт гардид.

Бо дархости вазорат ва мувофиқаи Бонки Умумиҷаҳонӣ дар марҳилаи навбатӣ зарурати ба тариқи таҷрибавӣ гузаронидани механизми нави пардохтҳо боз дар ҳашт шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ ба миён омад.

Бинобар ин, алҳол вазорат лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идомаи татбиқи низоми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат»-ро таҳия намуда, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Дар баробари ба тасвиб расидани қарори мазкур аз 1 январи соли 2013 то 31 декабри соли 2014 низоми таҷрибавии кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Айнии вилояти Суғд, шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Норак ва ноҳияи Фархори вилояти Хатлон, ноҳияи Шуғнони ВМКБ, ноҳияҳои Ҳисор ва Файзобод ҷорӣ карда, мӯҳлати амали Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» то 31 декабри соли 2014 тамдид карда мешавад.

Бо пешниҳоди вазорат ҳангоми пардохти кӯмакҳои иҷтимоии унвонӣ тибқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ба оилаҳое, ки дар ҳайати худ ду ва ё зиёда маъюб доранд, инчунин ба падар ё модари танҳои маъюб, ки кӯдаки маъюбро тарбия мекунад, ҳангоми муайян намудани маҷмӯи нишондиҳандаҳои умумии сатҳи зиндагии оилаашон бартарӣ дода мешавад.

Ҳамчунин таҷрибаи татбиқи механизми нави кӯмакҳои иҷтимоии унвонӣ тақозо дорад, ки ба шаҳрвандони яккаву танҳои куҳансол, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд, барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ бартарият дода шавад. Ин масъала низ дар таҳрири нави тартиби таъини кӯмакҳо ба инобат гирифта шудааст.

Айни замон ҷиҳати татбиқи низоми нави кӯмаки унвонии иҷтимоӣ дар даҳ шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби вазорат ҳамаҷониба омодагӣ дида шудааст.

Аз ҷумла тибқи нақшаи хариди Лоиҳаи кӯмаки фаврӣ ба соҳаи иҷтимоии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пурзӯр намудани неруи вазорат ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо 85 маҷмӯи таҷҳизоти дафтари корӣ. 85 муҳаррики барқдиҳанда, 85 компютер, 30 ноутбук, барномаҳои муосири компютерӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ (факс, принтер, сканер ва ғайра) харидорӣ шудааст, ки рӯзҳои наздик дастраси 32 раёсат ва шуъбаҳои маҳаллии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва 53 ҷамоати шаҳрак ва деҳоти ҷумҳурӣ хоҳад шуд.

Дар ин раванд шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ аз таҷҳизоти номбурда пурра таъмин гардида, барои ҷорӣ намудани тартиби нави пардохти кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ омӯзиши зиёда аз 500 нафар кормандони соҳаи иҷтимоӣ, мутахассисони ҷамоатҳо, шаҳраку деҳот дар се самт (баҳисобгирии муҳосибӣ, омӯзиши малакаҳои кор дар компютер ва истифодаи барномаи махсуси компютерӣ ) ба нақша гирифта шудааст.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Руҳулло Ҳакимов дода мешавад.



**Руҳулло ҲАКИМОВ: -Мухтарам Раисикунанда ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо камоли қаноатмандӣ изҳор мекунам, ки солҳои охир ҳамкории парлумони мамлакат бо Вазорати молия пайваста тақвият меёбад.

Бояд хотиррасон намуд, ки дар Буҷети давлатии соли ҷорӣ барои пардохти кӯмакпулиҳо, аз ҷумла барои кӯмакпулӣ ҷиҳати корношоямии муваққатӣ, нигоҳубин ва таваллуди кӯдак, барои дафн, таъмини иҷтимоии шаҳрвандони бешуғл, барои рушди соҳибкорӣ тавассути қарзҳои хурд, кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ, субсидияҳо ба шахсони имтиёздор барои нақлиёт, почта, алоқа, хизматрасонии коммуналӣ, кӯмакпулӣ ба кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва ғайра зиёда аз 142 млн.сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон яке аз ислоҳоти асосӣ дар ин раванд ба шумор рафта, пеш аз ҳама ба шаффоф ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, аниқ муайян намудани оилаи эҳтиёҷманд ва ба роҳ мондани баҳисобгирию мониторинги мушаххас мусоидат хоҳад намуд. Инчунин бояд хотиррасон намуд, ки дар пардохти ҷубронпулиҳо барои оилаҳои камбизоат ҷиҳати истифодаи қувваи барқу гази табиӣ ва кӯмакпулӣ ба кӯдакони онҳо камбудиҳои ҷиддӣ низ ҷой доранд.

Бинобар ин, механизми нави ҷоринамуда, маблағҳои дар Буҷети давлатӣ барои пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд ва ҷубронпулӣ ба оилаҳои камбизоат барои истифодаи қувваи барқ ва гази табииро якҷоя намуда, тибқи тартиби муқаррагардида як намуди кӯмакпулии унвониро ташкил медиҳад, ки дар ин раванд Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро мутахассисон ва коршиносони лоиҳаи Комиссияи Иттиҳоди Аврупо ва Бонки Умумиҷаҳонӣ роҳнамойӣ менамоянд.

Дар Буҷети давлатии соли ҷорӣ барои ин мақсад (барои шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон) 4150 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки дар асоси дархостҳои пешниҳоднамудаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ қариб 3 млн. сомонии он маблағгузорӣ гардид, ки зиёда аз 70 фоизи маблағҳои пешбинишударо дар бар мегирад.

Хуб мешуд, масъалаи мазкур аз тарафи мутахассисони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вазорати соҳавӣ якҷоя бо мутахассисони Вазорати молия мавриди омӯзиш қарор дода шавад ва дар оянда масъалаи якҷоя намудани дигар кӯмакпулиҳо ва имтиёзҳо, ки барои баъзе категорияҳои аҳолӣ пешбинӣ шудаанд, бо механизми нав мавриди амал қарор дода шавад, зеро аз якчанд намуди кӯмакпулиҳову имтиёзҳои пардохтшаванда, ки маблағи ночизро ташкил мекунанд ва натиҷаи мусбӣ намедиҳанд, ҷорӣ намудани як кӯмакпулӣ бо маблағи муайян ба мақсад мувофиқ мебошад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба муовини раиси Раёсати БДАТ «Амонатбонк» Абдуманнон Саидов дода мешавад.

**Абдуманнон САИДОВ: - Мухтарам раисикунанда ва ҳозирини арҷманд!**

Бахри иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» Раёсати БДА Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ҳамбастагӣ бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори муайян ба анҷом расониданд.

Тибқи тартиби тасдиқнамудаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба низоми маблағгузорӣ ва пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат, дар давраи аз моҳи январи соли 2011 то декабри соли 2012 Раёсати БДАТ «Амонатбонк» ба ҳар як гирандаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ суратҳисоби шахсӣ кушодааст.

Вобаста ба маблағгузорӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати БДАТ «Амонатбонк» маблағҳои воридшударо ба суратҳисоби гирандагони кумакҳои унвонии иҷтимоӣ интиқол дода, аз тарафи филиалҳои «Амонатбонк»-и шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон сари вақт ба онҳо дастрас карда мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2011 ҷиҳати дастгирии оилаҳои камбизоати шаҳри Истаравшан ба 5445 нафар дар ҳаҷми 1 978,2 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Ёвон ба 4820 нафар дар ҳаҷми 1 823,7 ҳазор сомонӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ ва пардохт гардидааст.

Дар давоми даҳ моҳи соли 2012 аз ҳисоби маблағҳои бо ин мақсад воридшуда ба 3678 нафар сокинони шаҳри Истаравшан дар ҳаҷми 1 205 ҳазор сомонӣ ва ба 6265 нафар сокинони ноҳияи Ёвон дар ҳаҷми 1 630,2 ҳазор сомонӣ маблағ пардохта шудааст.

Дар маҷмӯъ, аз давраи амалӣ гардидани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоати шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон, солҳои 2011-2012 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 6637,1 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ ва ба суратҳисоби гирандагони кӯмакҳои унвонӣ интиқол дода шуда, пардохт гардидааст.

Қобили зикр аст, ки ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ, ки тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон амалӣ шуда истодааст, нисбати дигар кӯмакҳои иҷтимоӣ, ки ба оилаҳои камбизоат таъину пардохт мегардад, бартарият дорад.



Пеш аз ҳама, ба ҳар як гирандаи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар филиалҳои БДАТ «Амонатбонк» вобаста ба маҳалли зисти онҳо суратҳисоби шахсӣ кушода шуда, маблағҳои ҷудошуда унвонӣ буда, танҳо аз ҷониби дорандаи суратҳисоб масраф мегардад.

Бартарии дигари кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ аз он иборат мебошад, ки маблағгузорӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин мақсад як муҳлати муайян дошта, гирандагони кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ аз ин бархӯрдор мебошанд.

*Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳои манзуршударо мавриди баррасии амиқ қарор доданд. Аз ҷумла вакилон Домуллоҷон Ҷабборов, Ҳабибулло Саъдуллоев, Саодат Амиршоева, Низом Қосим, Турахон Самадов, Исмоил Талбаков, Рустам Латипов, Нодира Турдиматова ва Маҳмадраҳим Каримов ба масъулин саволҳо дода, посух гирифтанд. Вакилон Шодӣ Шабдолов, Нурулло Оқилов ва Махфират Хидирова бошанд, доир ба масъалаи мавриди баррасӣ фикру мулоҳизаҳояшонро иброз доштанд.*

Дар анҷоми муҳокимаи ошкорои парламентӣ қарор ва тавсияҳои ин чорабинӣ қабул гаштанд.

Муҳокимаи ошкорои парламентиро муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Миргand Шабозов ҷамъбаст намуд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум».***
***Суратгир А.ИСОЕВ***

# Обуна ба маҷаллаи
## «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2013 ДАВОМ ДОРАД

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.**

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:**

**- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;**

**- дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.**

**Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**7 декабри соли 2012 музоядаи №28-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд**

| т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бино ва иншооти собиқ Раёсати сохтмонию васлкунии №5, Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Марвазӣ | 300 000 |
| 2 | Қисми бинои меҳмонхонаи «Ором»-и Корхонаи давлатии фаръии меҳмонхонаи «Ором»-и КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», ноҳияи Спитамен | ноҳияи Спитамен, кӯчаи Ленин | 100 000 |
| 3 | Толори варзишӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Маҳмадшоҳи боло | 4 950 |
| 4 | Истироҳатгоҳи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти сохтмонӣ ва меъморӣ | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Чӯянгарон, дараи Ромит | 17 986 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**7 декабря 2012 года проводит аукцион №28 по продаже недвижимости**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Здание и сооружение бывшего строительного управления №5, ОАО «Тоҷиктелеком» | город Пенджикент, улица Марвази | 300 000 |
| 2 | Часть здания гостиницы «Ором», ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», района Спитамен | Спитаменский район, улица Ленина | 100 000 |
| 3 | Спортивный зал в районе Рудаки | район Рудаки, Сельский джамоат Сарикишти, село Махмадшохи боло | 4 950 |
| 4 | Зона отдыха Службы по выдаче лицензий по строительству и архитектуры | город Вахдат, пос. Чуянгарон, Рамитское ушелье | 17 986 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**


## «ГАЛЕГА-НОВА»- ДАВОИ НАВИ БЕЗАРАР БАР ЗИДДИ ДИАБЕТИ ҚАНД

Дар ҷаҳони муосир беморон кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми табобат то ҳадди имкон аз воситаҳои синтетикӣ камтар ва аз гиёҳу фитопрепаратҳо бештар истифода баранд, зеро воситаҳои кимиёвӣ як




ҷойи касро шифо бахшад, ба ҷойи дигараш зарар мерасонад. Беҳуда нест, ки дар кишварҳои рушдкарда ба доруҳои кимиёвӣ танҳо дар сурати зарурати сахт рӯ меоранд (агар наркоз, воситаҳои сахттаъсир, таскинбахшҳои пурзӯр ва ғайра даркор шаванд). Инро ба инобат гирифта, Корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия воситаи универсалии босамареро дар шакли хурӯшаҳо бо номи «Галега-нова» коркард намудааст. «Галега-нова» барои

-табобати бемории диабети қанди навъҳои 1-2 ва пайтаъсирҳои (осложнение) он;

-таъсири диабети қанд ба чашмон, гурдаҳо, пойҳо;

-шаклҳои гуногуни фарбеҳӣ, бемории варикозӣ;

-тарбод (ревматизм) ва мафосил (подагра) истифода бурда мешавад;

-шахсони бо инсулин вобаста ҳам метавонанд истифода баранд.

Инчунин таъсири зиддисклерозӣ дошта, рагу пайвандҳоро мустаҳкам мекунад. *Сатҳи глюкоза ва холестеринро дар хун паст мекунад.*

Бо доруҳои кимиёвӣ барои муолиҷаи диабети қанд истеъмол намудани «Галега-нова» имкон медиҳад бамаротиб истифодаи доруҳои кимиёвиро кам намоед. Ҳангоми истифодаи «Галега- нова» шахси дардманд беҳбудии саломатиашро баръало ҳис хоҳад кард.

Истеъмол: дар як рӯз се бор, 1- қошуқчагӣ 20 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл оби гарм омехта нӯшед.

Давомнокии истеъмол -аз 30 то 90 рӯз.

Ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст.

***Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.***

***Тел: шаҳри Душанбе: 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 927-49-33-47, 988-80-88-85. Нархаш -то 40 сомонӣ.***


БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: **221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3083/1 -1452 | Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 6 | 16.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3084/1 -1453 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 65 | 16.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3085/1 -1454 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ ва инвентар | номгуй | 95 | 27.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3086/1 -1455 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи давлатии Қасри миллат» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 63 | 16.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3087/1 -1456 | Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ - 92 | сомонӣ | 56300 | 16.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 3088/1 -1457 | Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Автомашинаи сабукрави «ТАЙОТА-АВЕНСИС», соли барориш - на кам аз соли 2006, қуттӣ- автомат | дона | 1 | 27.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3089/1 -1458 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишворӣ (солярка) | сомонӣ | 20000 | 16.11.2012 соати $11^{00}$ |
| 3092/1 -1459 | Литсей –интернати Президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 5 | 16.11.2012 соати $11^{30}$ |
| 3093/1 -1460 | Мактаб –интернати миёнаи махсуси санъати ба номи М.Атоев | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 18 | 16.11.2012 соати $14^{00}$ |
| 3094/1 -1461 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 44 | 16.11.2012 соати $14^{20}$ |
| 3095/1 -1462 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 14 | 16.11.2012 соати $14^{40}$ |
| 3096/1 -1463 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Коғази А-4 | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 16.11.2012 соати $15^{00}$ |
| 3097/1 -1464 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензин<br>Солярка | литр<br>литр | 5000<br>1030 | 16.11.2012 соати $15^{20}$ |
| 3098/1 -1465 | Муассисаи давлатии «Литсей – интернати касбии махсуси маъюбон» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгуй | 48 | 16.11.2012 соати $15^{40}$ |
| 3099/1 -1466 | Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 30 | 16.11.2012 соати $16^{00}$ |
| 3100/1 -1467 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Нива ВАЗ -21214<br>А/м Донг-Фенг (бензинкашон) ҳаҷмаш 13 $м^3$<br>Мотосикли «Хонда» | адад<br>адад<br>адад | 4<br>1<br>2 | 16.11.2012 соати $16^{20}$ |
| 3101/1 -1468 | Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои афсарӣ | номгуй | 10 | 16.11.2012 соати $16^{40}$ |
| 3090/2 -856 | Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ваҳдат, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгуй | 4 | 16.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3091/3 -723 | Маркази ҷумҳуриявии санҷишгоҳи судӣ ва криминалистикии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории тагхонаи бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 16.11.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.





## ОРОМ БОШ!




**Таъсир:** унсурҳои растанигии «Ором бош!» таъсири нарми оромибахш дорад ва ба меъёршавии ҷиҳатҳои муҳимтарини хоб мусоидат намуда, бо нармӣ ором мекунад.

Вазъи функсионалии системаи дилу рагҳор беҳ мегардонад, ба меъёршавии фишори артериалӣ, кори дил мусоидат менамояд.

Ба беҳшавии равандҳои омӯзиш, бахотиргирӣ, фикррронӣ мусоидат намуда, ба ин тариқ фаъолияти зеҳнӣ ва кори системаи марказии асабро баланд мебардорад.

Хоболудии рӯзонаро ба вуҷуд намеорад, фаъолнокӣ ва қобилияти кориро зиёд мекунад. Дар зиёда аз 40 муассисаи бонуфузи табобатӣ ва илмии Федератсияи Россия –марказҳои илмии момодоягӣ, гинекология, перинатология ва ғайра аз санҷиш гузаштааст.

Натиҷаҳои таҳқиқу омӯзиш таъсирнокии баланди фитомаҷмӯъро исбот кардаанд. Маҳсулоти «Ором бош!» –одатнадиҳанда ва безарар буда, зери санҷиш баҳо дода шуд. **Истеъмол:** ба марду зан ва аз 12 - сола боло - 10-20 чакрагӣ, се маротиба дар як рӯз. Тел: **918-47-93-93** (ш.Душанбе), **927-49-33-47** (вил.Суғд)

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед!**

***Истеҳсолкунанда - Федератсияи Россия. Нархи фурӯш -22 сомонӣ.***


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Шартномаи ҳадяи (дарение) таҳти қайди феҳристи №9Д-1510-и гумшуда, ки онро Идораи якуми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 4 июни соли 1991 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Титов, ҳавлии 31/12 ба Акрамов Исмат Ҳикматович додааст, эътибор надорад.

➢Патенти фаъолияти соҳибкорӣ бо РЯМ 0130032834-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 14 октябри соли 2012 ба Раҳматуллоев Бахтиёр Шермаҳмадович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ДШ №0522851-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июни соли 2010 таҳти феҳристи № 1Ш-675 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, хонаи 46, ҳуҷраи 71 ба Файзуллоева Садафнисо Аҳмадовна додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии № 8668-и гумшуда, ки онро КФББТ –и шаҳри Душанбе соли 2010 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, хонаи 46, ҳуҷраи 71 ба Файзуллоева Садафнисо Аҳмадовна додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи ЛТ №048633 таҳти қайди 7689-и гумшуда, ки онро Техникуми (ҳоло Коллеҷи) тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон соли 1988 ба Азизова Робия Иноятовна додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши таҳти қайди феҳристи №6Д 1793-и гумшуда, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 7 январи соли 1991 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, гузаргоҳи 6, хонаи 10, ҳуҷраи 1 ба Мирхамедов Тулқунбой Ҳаитович додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №1237-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1991 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, гузаргоҳи 6, хонаи 10, ҳуҷраи 1 ба Мирхамедов Тулқунбой Ҳаитович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Марказӣ (ҳоло Фирдавсӣ) соли 1991 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, гузаргоҳи 6, хонаи 10, ҳуҷраи 1 ба Мирхамедов Тулқунбой Ҳаитович додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №1446-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, хонаи 52, ҳуҷраи 2 ба Резаи Малика додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Бурҳонов Сиддиқ Қудусович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0063313 бо РЯМ 6230017576 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Истаравшан 19 апрели соли 2007 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Арбобов Дилшод Тоҷиддинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0229150 бо РЯМ 0130065944 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 19 июли соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Муродов Маҳмадулло Раҳмонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0097372 бо РЯМ 1530008838 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 4 октябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Ташрипов Ташриф Шукурович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0124132 бо РЯМ 0430057165 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 20 июли соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 5 ноябри соли 2012, соати 20.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23652 нусха

Навбатдори шумора Н. Солеҳов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова